## ИМТИҲОНҲО КАЙ ВА ЧӢ ТАВР БАРГУЗОР МЕШАВАНД?

Имтиҳонҳои қисми А (имтиҳони умумӣ) ва қисми Б (имтиҳони ихтисос) вобаста аз гурӯҳи ихтисосҳо аз **1-ум то 15-уми июл** дар марказҳои имтиҳон ва қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус) аз **25-уми июн то 5-уми июл** дар муассисаҳои таълимии дахлдор баргузор мегарданд. Нишонии маркази имтиҳон дар даъватнома нишон дода мешавад.

Довталабон – хатмкардагони синфҳои 11-ум имтиҳонҳои зеринро месупоранд:

- қисми А (имтиҳони умумӣ) аз 3 субтести иборат аз **4 фанни таълимӣ** (забони тоҷикӣ, математика, таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ);
- қисми Б (имтиҳони ихтисос) аз 3 субтести иборат аз **3 фанни таълимӣ** (вобаста аз ҳар гурӯҳи ихтисосҳо);
- қисми В (имтиҳони эҷодӣ ва маҳорати махсус) – дар сурати интихоб кардани ихтисосҳое, ки супоридани чунин имтиҳонро талаб мекунанд.

Довталабон – хатмкардагони синфи 9-ум имтиҳони зеринро месупоранд:

- қисми АБ-9 (имтиҳон барои шахсони дорои таҳсилоти умумии асосӣ – хатмкардагони синфи 9-ум) барои ихтисосҳои самти тиббӣ аз 3 субтести иборат аз **6 фанни таълимӣ** (забони тоҷикӣ, таърихи халқи тоҷик, математика, физика, биология ва химия).

Фанҳои имтиҳони қисмҳои А, Б (вобаста аз ҳар гурӯҳи ихтисосҳо) ва АБ-9 дар ҷадвалҳои 8-10-ум нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 8.

Фанҳои имтиҳон (субтестҳо)-и қисми А

| № | Фанҳои имтиҳон (субтестҳо) |
|---|---|
| 1. | Забони тоҷикӣ |
| 2. | Математика |
| 3. | Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ |

Ҷадвали 9.

Фанҳои имтиҳон (субтестҳо)-и қисми Б

| № | Гурӯҳи ихтисосҳо | Фанҳои имтиҳон (субтестҳо) | | |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Табиӣ ва техникӣ | Математика | Физика | Химия |
| 2. | Иқтисод ва география | Математика | География | Забони хориҷӣ |
| 3. | Филология, педагогика ва санъат | Забон ва адабиёт | Таърих | Забони хориҷӣ |
| 4. | Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ | Таърих | Ҳуқуқи инсон | Забони хориҷӣ |
| 5. | Тиб, биология ва варзиш | Химия | Биология | Физика |

Фан ё намуди санҷишҳои имтиҳони қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус) аз ҳар як ихтисоси дахлдор ва самти он вобаста аст. Бо чунин имтиҳонҳо аз замимаи 3 (саҳифаи 171) шинос шуда метавонед.

Ҷадвали 10.

Фанҳои имтиҳон (субтестҳо)-и қисми АБ-9

| № | Фанҳои имтиҳон (субтестҳо) |
|---|---|
| 1. | Забони тоҷикӣ ва таърихи халқи тоҷик |
| 2. | Математика ва физика |
| 3. | Биология ва химия |

**Имтиҳонҳо мувофиқи ҷадвале, ки дар даъватнома нишон дода мешаванд, баргузор мегарданд.**

## ИМТИҲОНҲОИ ИЛОВАГӢ БАРОИ КӢ ВА КАЙ БАРГУЗОР МЕШАВАНД?

Имтиҳонҳои иловагӣ барои довталабоне пешбинӣ шудааст, ки дар имтиҳонҳои даври асосӣ бо сабабҳои узрнок иштирок карда наметавонанд ё дар даври дуюми азнавбақайдгирӣ **(аз 10-ум то 19-уми июн)** интихобҳои худро иваз менамоянд, ё дар бақайдгирии иловагӣ **(аз 20-ум то 30-юми июн)** аз қайд мегузаранд.

**Довталабе, ки бо сабаби узрнок дар имтиҳонҳо иштирок карда натавонист ва хоҳиши иштирок дар имтиҳонҳои иловагиро дорад, ариза (ба расми 19 нигаред) ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаро ба Марказ бояд пешниҳод намояд. Пас аз баррасӣ ва қабули қарори дахлдори комиссия бо фармоиши директори Марказ ба довталаб иҷозат дода мешавад, ки дар имтиҳонҳои иловагӣ иштирок намояд.**

Барои ба имтиҳонҳои иловагӣ иҷозат додани довталабоне, ки дар имтиҳонҳои даври асосӣ иштирок карда натавонистаанд, сабабҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

- бемории вазнини довталаб;
- фавти шахсе аз аъзои оила;
- садамаи нақлиёт;
- офатҳои табиӣ;
- дар хориҷи кишвар будан барои иштирок дар:
  - олимпиадаҳои фаннии байналмилалӣ,
  - мусобиқаҳои варзишии байналмилалӣ,
  - озмунҳои байналмилалии соҳаи санъату фарҳанг.

Аз довталабон ариза бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи сабабҳои узрнок (аз 1-ум то 15-уми июл) қабул карда мешавад.

Имтиҳонҳои иловагӣ аз рӯйи ҷадвали тасдиқгардида дар давоми ду рӯз – **18-ум ва 19-уми июл** танҳо дар шаҳри Душанбе баргузор мегарданд.

Имтиҳонҳои иловагии эҷодӣ ва маҳорати махсус барои довталабоне, ки дар даври асосии чунин имтиҳонҳо бо сабабҳои узрнок иштирок карда натавонистаанд ё дар давраи бақайдгирии иловагӣ аз қайд гузаштаанд, рӯзҳои **6-ум ва 7-уми июл** доир мегарданд.

**АРИЗА**
**барои ба имтиҳонҳои иловагӣ иҷозат додани нафаре, ки дар давр(ҳо)-и асосии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бо сабаби узрнок иштирок карда натавонистааст**

Аризадиҳанда/довталаб пур мекунад!

**Маълумот дар бораи аризадиҳанда/довталаб**

*Таърихи имтиҳони қисми А / АБ-9* __.__.__   *Таърихи имтиҳони қисми Б* __.__.__

Рақами назоратӣ ____________

Насаб ____________

Ном ____________

Номи падар ____________

Гурӯҳи ихтисосҳо ____________
*рақам ва номи гурӯҳи ихтисосҳо*

## АРИЗА

Аз комиссияи баррасии аризаҳои довталабон хоҳиш менамоям, ки аризаи маро дар хусуси дар имтиҳони қисм(ҳо)-и ____________ бо сабаби узрнок иштирок карда натавонистанам
*қисми А, қисми Б, қисми АБ-9*
баррасӣ намуда, барои иштирок дар имтиҳонҳои иловагӣ иҷозат диҳад.

**Сабаб:** ____________

*сабаби иштирок накарданро мушаххас шарҳ диҳед*

____________

____________ замима мегардад.
*(ҳуҷҷати тасдиқкунанда, маълумотнома, иқтибос, таърихи беморӣ ва ғайра)*

__.__.__ *таърих*   ____________ *телефон*   ____________ *e-mail*   ____________ *имзои аризадиҳанда*

ММТНПҶ пур мекунад!

**АРИЗАРО ҚАБУЛ КАРД:** ____________ *вазифа* ____________ *имзо* ____________ *ному насаб*

Таърих __.__.__   Соат __:__   Рақами бақайдгирӣ ____________

**ҚАРОРИ КОМИССИЯ:**

Ба довталаб барои иштирок дар имтиҳон(ҳо)-и иловагӣ иҷозат дода ____________.
*шавад/нашавад*

Зеро ____________

____________

____________.
*ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи довталаб ба инобат гирифта шуданд/нашуданд ва ё хулосаи дигар*

Нусхаи қарори комиссия ба аризадиҳанда ирсол мегардад!

**РАИСИ КОМИССИЯ:** ____________ ____________

**АЪЗО:** ____________ ____________

____________ ____________

____________ ____________
*имзо* *ному насаб*

__.__.__ Таърих

**Расми 19.** Қолаби ариза барои иштирок дар имтиҳонҳои иловагӣ

! **ДИҚҚАТ!**
**Довталаби гиромӣ!**

1. Дар синфхонаи имтиҳон ба рақамҳои варианти китобчаи тест, штрих-коди варақаи ҷавобҳо ва ҷойи нишасти худ диққат диҳед (рақамҳои варианти китобчаи тест, штрих-коди варақаи ҷавобҳо ва ҷойи нишастатон бояд як хел бошад).
2. Ҳангоми пур кардани варақаи ҷавобҳо бодиққат бошед ва талаботи ишораи ҷавобҳо, навишти дурусти рақамҳо ва ислоҳи ҷавоби қаблан ишоракардаатонро, ки ба назари Шумо нодуруст аст, мувофиқи намуна риоя намоед.
3. Ба рафти имтиҳон халал нарасонед. Дар рафти имтиҳон суҳбат ва ёрӣ расонидан ба якдигар қатъиян манъ аст. Чунин ҳолат боиси аз имтиҳон хориҷ кардани Шумо мегардад.
4. Агар саволу масъалаи тест хира (норавшан) ё ба назари Шумо ғалат чоп шуда бошад, фавран ба маъмури имтиҳон муроҷиат намоед.
5. Варақаи ҷавобҳоро холӣ насупоред ва дар паси он ҷумлаи пешниҳодшударо навишта, имзо гузоред.
6. Ҳангоми супоридани варақаи ҷавобҳо дар протоколи рафти имтиҳон дар рӯбарӯи ному насаби худ имзо гузоштанро фаромӯш накунед.
7. Гирифтани китобчаи тестатонро аз хотир набароред.
8. Нусхаҳои варақаҳои ҷавобҳоятонро аз кабинети инфиродии худ дастрас (сабт ва чоп) карда, бисанҷед, ки дар ҳақиқат, онҳо нусхаҳои варақаҳои ҷавобҳои Шумоянд.
9. Бо истифодаи китобчаи тести худ ва варақа(ҳо)и ҷавобҳо (дар кабинети инфиродиатон) ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст (калидҳо)-и саволу масъалаҳои тест, ки дар сомонаи Марказ пас аз баргузории имтиҳонҳо нашр мешавад, муқоиса карда, холҳои бадастовардаатонро мустақилона ҳисоб намоед.
10. Аз ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳои ҳар субтест истифода карда, холҳои бадастовардаатон ва натиҷаи ҳосилшударо бо маълумоти дар кабинети инфиродиятон ҷойдошта муқоиса намоед. Ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо барои ҳар субтест вобаста аз гурӯҳҳои ихтисосҳо дар сомонаи Марказ нашр карда мешаванд.